# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик баробари ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои мубрами шохаи наҳв то ҳол мушкилоте боқӣ мондаанд, ки ба таҳлилу баррасии саривақтӣ ниёз доранд. Ба ин ҷумла метавон пажуҳиши вижагиҳои наҳвии забони тоҷикиро ворид намуд, ки ба таври мушаххас омӯхта нашудааст.

Мавриди зикр аст, ки то имрӯз вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ба таври мукаммалу шоиста мавриди таҳқиқу омӯзиши илмӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти мазкур вобаста ба ин мушкилот дар илми забоншиносии тоҷик нахустин кӯшиши арзишманди илмӣ буда, шоистаи таҳсин мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври мушаххас ва бо усули оморӣ нишон дода шудааст.

Навигарии илмии рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои наҳвию грамматикии «Қобуснома» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XI равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

Ҳадафи мазкур аз он иборатанд, ки баъзе хусусиятҳои наҳвии ҷумлаҳои сода ва мураккаби насри асри XI дар асоси маводи «Қобуснома» таҳқиқ ва омӯхта шавад.

Омӯзиш ва таҳлили вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ҳадафи асосии таҳқиқи илмии мазкурро ташкил медиҳад. Ҳадафи пешгузошташуда анҷоми вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

– баррасии вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи «Қобуснома»;

– нишон додани воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома»;

– муайян кардани вижагиҳои сараъзо ва аъзои пайрав дар асар;

– таҳлили ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва сохт;

– муайян намудани вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасти «Қобуснома»;

– нишон додани вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ;

– фарқи хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома»-и Кайковус аз забони муосир.

Натиҷаи таҳқиқ, ки ба як давраи муайяни таърихӣ хос мебошад, нишон медиҳад, ки тағйирот дар фонди асосии луғавӣ назар ба сохти грамматикӣ зиёдтар аст ва аз ин сабаб тағйироти сохти грамматикии забони тоҷикӣ дар ин давра қариб номаълум мебошад. Ба қавли профессор Д.Т.Тоҷиев «Категорияҳои грамматикии забони тоҷикӣ натиҷаи инкишофи дурударози таърихӣ мебошад» ва дар тули таърих сохти грамматикии забони ҳозираи тоҷикӣ бойтару суфтатар шудааст, зеро мо инро дар гуногунии воситаҳои наҳвии алоқаи калимаҳо, бойтар шудани ифодаи аъзоҳои ҷумла, гуногунии сохту таркиби ҷумлаҳо баръало дида метавонем.

Диссертатсияи мазкур «**Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус**» номгузорӣ шуда, аз мундариҷа, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Боби якуми** диссертатсия – «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" унвон дошта, фарогири 6 фаслу 14 зерфасл буда, дар он вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуъ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар боби мазкур инчунин "Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи "Қобуснома" ҳамчун масъалаи муҳим мавриди таҳқиқ қарор дода шуда,

диссертант зикр кардааст, Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома” ҷумлаҳои содаи дутаркибаро нисбат ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба бештар истифода кардааст.

**Боби дуюми** диссертатсия “Ҷумлаҳои мураккаб дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” ном дошта, панҷ фаслро дарбар мегирад. Дар ин бахши кор вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби “Қобуснома” мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Чи тавре ки аз мухтавои боби мазкур маълум мегардад, дар “Қобуснома” дараҷаи истеъмоли ҷумлаҳои мураккаб бартарӣ дорад, чаро ки мазмуну муҳтавои асар инро тақозо менамояд. Дар боби мазкур инчунин ҷумлаҳои мураккаб аз нигоҳи сохтор, тарзу воситаҳои алоқа ва ифодаи муносибатҳои грамматикӣ, ки ба се навъ ҷудо мешаванд: ҷумлаи мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Дар фасли якуми боби дуюм таҳти унвони “Ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” вижагиҳои корбасти ҷумлаҳои мураккаби пайваст баррасӣ шудааст. Дар фасли фавқуззикр муаллиф дар хусуси ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, ҷудоӣ маълумот дода, вижагиҳои грамматикӣ, аломатҳои онҳо ва дараҷаи корбасти ин навъи ҷумлаҳои мураккабро дар “Қобуснома” ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои зиёди илмӣ баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, ки зикри чанде аз онҳоро муҳим мешуморем:

1. Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ корҳои илмии забоншиносонро роҷеъ ба мавзуи кор номбар намудааст, аммо агар унвонҷӯй мазмуну муҳтавои онҳоро каме ҳам бошад, таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд, рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд (с. 3, 4, 6, 7...).

Дар баробари ин бояд гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта қимату арзиши назариявию амалии диссертатсияро коста накарда, ислоҳшавандаанд.

Автореферати диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, унвонҷӯ ба ҳадафҳои дар он гузошташуда пурра расидааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотии диссертатсиониро инъикос менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи он фарогири мухтавои асосии диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи "Вижагиҳои наҳвии "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус" ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони
тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Курғанов З.Д.

«Имзои дотсент Курғанов Зоҳид Дехкановичро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj
«29» апрели соли 2024.